«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С.________________
аз «__03__»________01________2026 с.

# ХУЛОСАИ
## ҷаласаи васеи кафедраи ботаника ва дендрологияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ (Назаров Шуҳрат Шералиевич) дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника дар кафедраи ботаника ва дендрологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ докторанти кафедраи ботаника ва дендрологияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ соли 2016 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2020 бо ихтисоси биология хатм намудааст. Пас аз хатми Донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси биолог дохил шуда, соли 2022 зинаи мазкурро бо ихтисоси биолог хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти №375-05 аз 06.10.2022 ба ҳайси докторант (Ph.D) аз рӯйи ихтисоси 6D060700 – Биология (6D060718 – “Ботаника”) дар кафедраи ботаника қабул гардида, соли 2025 тибқи фармоиши №253-05 аз 25.08.2025 хатм намудааст.

Диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» дар ҷаласаи кафедраи ботаника ва дендрологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23.11.2022, протоколи №4, таҳти роҳбарии д.и.к., дотсент Сатторов Р.Б. тасдиқ карда шудааст. Инчунин диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ботаника ва дендрология аз 26.12.2025, протоколи №8 муҳокима гардидааст.

Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ ҳамчун докторанти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, имтиҳонҳои номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм, забони англисӣ ва ихтисосро бо баҳои “аъло” супоридааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи “Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор” чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия:** Диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи “Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор” ба шиносномаи ихтисоси 6D060718-Ботаника мувофиқат карда, соҳаи таҳқиқот ботаника мебошад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Маълумоти бадастомада дар бораи гуногунии дарахту буттаҳои таркиби флораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор барои муайян намудани флорогенези флораи Тоҷикистон аҳамияти илмӣ доранд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи харитаҳои геоботаникӣ ва экологӣ, инчунин ҳангоми ба нақшагирии хоҷагиҳо ва рушди корхонаҳо дар заминаи экологӣ истифода шаванд.

Ҳамзамон, дар раванди таълимӣ, аз ҷумла ҳангоми хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ барои донишҷӯён ва мактаббачагон истифода шаванд. Диссертатсия заминаи арзишманд барои таҳияи дастурҳо ва маводҳои таълимӣ оид ба дендрология ва дигар фанҳои ботаникӣ мебошад. Маводҳои таҳқиқотӣ дар раванди таълимии кафедраи ботаника ва дендрологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон инъикос ёфта, дар омӯзиши фанҳои чун экология, дендрология, ҷангалпарварӣ ва идоракунии устувори ҷангалҳо нақши муҳим мебозад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои илмӣ дар 9 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд, ки ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мувофиқат менамояд.

**Санади тасдиққунанда имконияти татбиқ намудани натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот** мавҷуд аст, ки мундариҷаи асосии кор дар 2 корхона истифода мешавад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муҳаққиқ шахсан дар ҷустуҷӯ, таҳлили адабиёт, истифодаи усулҳои таҳқиқот, ба даст овардан ва коркарди ҳамаи маводҳои таҳқиқоти илмӣ,

хулосабарорӣ ва таҳлили натиҷаи бадастоварда, навиштани диссертатсия саҳмгузор аст.

Диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи “Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор” ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад. Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи исхисоси 6D060718– Ботаника ба бандҳои 2, 4, 5, 6, 9 мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ аз муқаддима, 5-боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуи ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ҳаҷми умумии онҳо 4 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М]. Назаров Ш.Ш. Розарии южного склона Гиссарского хребта. [Текст] / Ш.Ш. Назаров // Вестник Таджикского национального университета. Душанбе: «Наука и Инновация», 2023. -№2- С.174-174. ISSN-2312-3648.

[2-М]. Назаров Ш.Ш. Гуногунии намудии авлоди дулона (Crataegus) дар таркиби флораи Тоҷикистон. [Матн] / Қ. Кароматулло, Ш.Ш. Назаров, Д. Шарипов // Паёми – ДДОТ ба номи С. Айнӣ “Бахши илмҳои биологӣ”-2023. №4. С.144-148. ISSN-2707-9996.

[3-М]. Назаров Ш.Ш. Ҳолати ҷамоаҳои туғ - *Celtis caucasica* дар шароити қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор. [Матн]/Р.Б.Сатторов, Ш.Ш. Назаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе: “Илм ва фановарӣ” – 2023 №4. С. 183-188. ISSN 2312-3648.

[4-М]. Назаров Ш.Ш. Тавсифи фитосенологии типи набототи сиёҳҷангал дар қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор. [Матн] / Ш.Ш. Назаров, А. Сафар // журн. АМИТ. “Бахши илмҳои биологӣ”-2025. №1. С.19-27. ISSN: 2791-0717.

[5-М]. Назаров Ш.Ш. Таҳлили систематикии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор. [Матн] Ш.Ш. Назаров// Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе: “Илм ва фановарӣ” – 2026 №1. С. 211-218. ISSN 2312-3648.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмӯаҳои дигар:**

[6-М]. Назаров Ш.Ш. Ҳолати экологии ҷангалҳои мезофилии дараи Ширкент[Матн] / Ш.Ш. Назаров // фиш. мақ. дар конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ бахшида ба “65- солагии таъсисёбии факултети биологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ”-2023. с.89-92.

[7-М]. Назаров Ш.Ш. Хусусиятҳои биологӣ ва ҳолати экологии *Ribes meyeri Maxim* дар шароити иқлими дараи Қаратоғ./[Матн] Ш.Ш. Назаров, Раыабова П.Н./ журнали Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе: “Муҳаққиқони ҷавон” – 2024 №3. С. 220-225.

[8-М]. Назаров Ш.Ш. Гуногунии авлоди *Berberis* L., дар таркиби флораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор. // Ш.Ш. Назаров, Ҷ. Аминов//. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи “Флораи Тоҷикистон – Сарчашмаи боэътимоди таҳияи маводи доруворӣ”, дар факултети Фармасевтии ДМТ-2025. С. 133-137.

[9-М]. Назаров Ш.Ш. Ҳолати экологии дарахту буттаҳои экосистемаҳои наздисоҳилӣ дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор. [Матн] / Ш.Ш. Назаров, Р.Х. Изатуллозода// Маҷмуаи мақолаҳо ва гузоришҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар Институти илми тадқиқотии рушди устувор ва Иқтисоди Сабзи ДБССТ дар мавзуи “Таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар шароити тағйирёбии иқлим” Душанбе 2025. С. 237-241.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи илмии Раҷабзода Шухрат Шералӣ дар мавзуи “Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника (6D060700 – Соҳаи илмҳои Биология), кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи илмии Раҷабзода Шухрат Шералӣ дар мавзуи “Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника (6D060700 – Соҳаи илмҳои Биология) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-038 - и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи ботаника ва дендрологияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 26.12.2025, протоколи № 8 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 28 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 28 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи
ботаника ва дендрологияи ДМТ,
д.и.б., дотсент Бобокалонзода Ҷ.М.

Котиби ҷаласа: Олимова Б.Р.

Имзоҳоии дотсент Ҷ.М. Бобокалонзода
ва Б.Р.Олимоваро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: Индекс, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Рудаки, 17.
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10; E-mail: info@tnu.tj

“02” 01 соли 2026